**ХУЛОСАИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Парвандаи аттестатсионии № ____
Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 25-уми августи соли 2020, № 6

Борои сазовор донистани Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дар мавзӯи «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 1-уми апрели соли 2020 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2020, № 62) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад - 23-юми сентябри соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 2008 ба факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2012 хатм намудааст. Аз соли 2012 то соли 2013 дар кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва аз соли 2013 то соли 2015 дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муаллим ва муаллими калон фаъолият намудааст.

Аз соли 2015 то соли 2018 дар адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи рӯзона дохил шуда, таҳсил намудааст.

Аз соли 2018 то ҳол дар вазифаи дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст. Мавзӯи диссертатсия – «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шӯрои олимони Академияи

ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (суратмаҷлиси № 7 аз соли 2016).

**Роҳбари илмӣ** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ҳаёт Сайдамир.

**Муқарризони расмӣ:**

Азиззода Убайдулло Абдулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори Раёсати таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Қудратов Некрӯз Абдунабиевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» (ш. Хуҷанд) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қурбонзода Б.Ш. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода М.М. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дар мавзӯи «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, оид ба мавзӯи диссертатсия 26 мақолаи илмӣ ба нашр расонида шудааст, ки аз онҳо 13-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, муаллифи он Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор тадқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-тадқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта алоқамандии зич дорад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 26 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 13-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯи мавзӯи диссертатсия:**

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Ҳайдарзода, М.П. Асосҳои конститутсионии муқовимат ба экстремизм / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – № 3 (35). – С. 108-114.

2. Ҳайдарзода, М.П. Тавсифи умумии ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – № 3 (35). – С. 115-118.

3. Ҳайдарзода, М.П. Тафриқагузории таркиби ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, ки аз рӯи ангезаҳои экстремистӣ содир мешаванд / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – № 4 (36). – С. 146-152.

4. Хайдарзода, М.П. Некоторые размышления о содержании понятия экстремизм / М.П. Хайдарзода // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2017. – № 2/3. – С. 226-229.

5. Ҳайдарзода, М.П. Мафҳуми ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия / М.П. Ҳайдарзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – № 2/5. Қисми II – С. 210-213.

6. Ҳайдарзода, М.П. Фарқгузории ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, ки бо ангезаҳои экстремистӣ содир мешаванд, аз дигар ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – № 1 (37). – С. 167-174.

7. Ҳайдарзода, М.П. Баъзе масъалаҳои тавсифи криминологии ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.С. Сафаров, М.П. Ҳайдарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – № 2 (38). – С. 111-115.

8. Ҳайдарзода, М.П. Фарқи ҷинояти ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) аз ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – № 3 (39). – С. 152-160.

9. Ҳайдарзода, М.П. Фарқи ҷиноятҳои ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) аз ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – № 4 (40). – С. 166-170.

10. Ҳайдарзода, М.П. Фарқи ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм аз даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – № 1 (41). – С. 237-242.

11. Ҳайдарзода, М.П. Проблемаҳои мукаммалсозии мафҳумҳои «фаъолияти экстремистӣ» ва «ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта» дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – № 2 (42). – С. 136-142.

12. Ҳайдарзода, М.П. Пайдоиш ва мукаммалгардонии мафҳуми фаъолияти экстремистӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – № 3(43). – С.175-184.

13. Ҳайдарзода, М.П. Фарқи ҷиноятӣ даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм аз дигар ҷиноятҳои бо ӯ ҳамҷавор [Матн] / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – № 4(44). – С.197-204.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расонида шудаанд:**

14. Ҳайдарзода, М.П. Аҳамияти чораҳои профилактикӣ дар пешгирии падидаҳои муосири экстремистӣ / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академия. – Душанбе: «Шарқи озод», 2015. – № 4 (28). – С. 139-145.

15. Ҳайдарзода, М.П. Таҳдидҳои муосири экстремизм ва проблемаҳои пешгирии он / Ҳ.С. Сафаров, М.П. Ҳайдарзода // Масоили мубрами

ислоҳоти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмӣ - амалии байналмилалӣ. – Душанбе, 2015. – С. 173-178.

16. Хайдарзода, М.П. О некоторых вопросах совершенствования уголовно-правовой природы преступлений экстремистской направленности в Республике Таджикистан / М.П. Хайдарзода // Актуальные проблемы правотворчества, право применения и правосознания на современном этапе развития государственности и правовой системы Республики Таджикистан: сб. трудов третьей меж. науч. студенческой конференции. – Душанбе, 2016. – С. 466-471.

17. Ҳайдарзода, М.П. Таҳдидҳои муосири экстремизми динӣ: Мафҳум ва намудҳои он / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академия. – Душанбе: «Шарқи озод», 2016. – № 1 (29). – С. 178-184.

18. Ҳайдарзода, М.П. Оид ба баъзе проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта / М.П. Ҳайдарзода // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва проблемаҳо. Маводи конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С. 274-282.

19. Ҳайдарзода, М.П. Баъзе проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академия. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016. – № 2 (30). – С. 178-183.

20. Хайдарзода, М.П. Современные угрозы экстремизма в центральной Азии / М.П. Хайдарзода // Актуальные проблемы юридических наук: теория и практика. Материалы Международной научно-практической конференции, посвященная 25-летию Независимости Республики Таджикистан и 20-летию РТСУ (Душанбе, 27-28 октября 2016 г.) – Душанбе: РТСУ, 2016. – С. 348-351.

21. Хайдарзода, М.П. Некоторые проблемы, связнные с преступлениями экстремиской направленности и их решение по уголовному законодательству Республики Таджикистан / М.П. Хайдарзода. // Глобальный риск - локальные решения: сборник материалов ежегодной международной междисциплинарной научно-практической конференции. Балтийский институт экологии, политики и права, Балтийский институт иностранных языков и межкультурного сотрудничества. 18 мая 2016 г., Санкт-Петербург. / Под общ. ред. А.Е. Рейфе. - СПб.: БИЭПП, БИИЯМС, Изд-во «НИЦ АРТ», 2016. – С. 103-107.

22. Ҳайдарзода, М.П. Баъзе андешаҳо перомуни шакл ва намудҳои экстремизм / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академия. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016. – № 3 (31). – С.123-129.

23. Ҳайдарзода, М.П. Баъзе ҷанбаҳои ташаккулёбии мафҳуми «экстремизм» / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академия. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016. – № 4 (32). – С. 95-98.

24. Ҳайдарзода, М.П. Баъзе андешаҳо перомуни мафҳумҳои «радикализм» ва «экстремизм» / М.П. Ҳайдарзода // Проблемы современной юриспруденции. Сборник научных статей студентов, магистрантов, аспирантов. Российско-таджикский (славянский) университет. – Душанбе, 2016. – С. 121-126.

25. Ҳайдарзода, М.П. Таърихи пайдоиши экстремизм ва мафҳуми умумиҳуқуқии он / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академия. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – № 1 (33). – С. 132-134.

26. Хайдарзода, М.П. Теоретические основы понятия экстремизма / М.П. Хайдарзода // Актуальные проблемы права и государства в XXI веке [Текст]: материалы IX Международной научно-практической конференции; г. Уфа, 20-21 апреля 2017 года: в 5 ч. Ч. 3 / под общ. ред. Ф.Б. Мухаметшина. – Уфа: Уфимский ЮИ МВД России, 2017. – С. 155-158.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд.** Аз ҷониби мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азимзода Н.Б.; сардори Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ, маркази матбуот ва робита бо ҷомеаи СМК-и Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Розиқзода А.А.; сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидвализода Б.С.; дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғайратов Т.М.; дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Тулиев И.Р.

Ҳамаи тақризҳо бо таври мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти мубоҳисавидошта дарҷ ёфтаанд. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии дорои баъзе хусусиятҳои баҳспазирро вобаста ба тарзи пинҳонии зуҳурёбии экстремизм, номгӯи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва тафриқагузории кирдорҳои ҷиноятӣ аз кирдорҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта, инчунин дар зербоби алоҳида

баррасӣ нагардидани қонунгузории Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро фаро мегиранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии адъюнкт:**

Самтҳои асосии пайдоиш ва ташаккулёбии мафҳуми экстремизм дар ҳуқуқи ҷиноятӣ; хавфнокии ҷамъиятии экстремизм ва проблемаҳои мукаммалсозии аломатҳои он дар қонунгузори зиддиэкстремистӣ; дарёфти аломатҳои ҳуқуқи ҷиноятии экстремизм дар қонунгузории зиддиэкстремистии ватанӣ минтақавӣ ва байналмилалӣ; таҳлили муқоисавии аломатҳои таркиби ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва муайян сохтани талаботи асосӣ оид ба квалификатсияи онҳо; муайян сохтани маҳакҳои асосӣ оид ба айнияткунонӣ ва фарқиятгузории ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва таҳлили муқоисавии ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта аз дигар ҷиноятҳои ба онҳо монанд **коркард шудаанд**.

Бо мақсади мукаммалсозии қонунгузории зиддиэкстремистӣ ва бартарафсозии дуҳӯрагиҳо дар миёни онҳо як қатор таклифҳои судманд, оид ба шакли зӯроварона ва ғайризӯроваронаи экстремизм, номгӯи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунанда ворид намудани ангезаҳои экстремистӣ дар моддаҳои 160, 188, 237, 237[1] ва 242 КҶ ҶТ, дар таҳрири нав омода ва қабул намудани моддаи 307[1] КҶ ҶТ ва бар ин васила вазнинтар сохтани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин кирдори зиддиэкстремистӣ **пешниҳод шудааст.**

**Исбот шудааст**, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии унверсалии байналмилалӣ мафҳуми умумиэътирофшудаи «экстремизм» мавҷуд набуда, мазмуни он дар меҳвари истилоҳоти «табъиз», «бегонаҳаросӣ», «миллатгароӣ», «нажодпарастӣ», «антисемитизм» ва «таҳаммулнопазирӣ» эҳсос карда мешавад. Дар мафҳуми экстремизме, ки Конвенсияи Шанхай «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм» муқаррар кардааст, танҳо яке аз шаклҳои экстремизми дорои аломатҳои зӯроварона таҷассум гардида, дигар паҳлуҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизм ва табиати ҳуқуқӣ-маъмурии он ифода наёфтааст. Мафҳуми аз ҳад васеи «фаъолияти экстремистӣ», ки дар қонуни моделии мамлакатҳои ширкаткунандаи ИДМ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» мустақар гардидааст, бо мафҳуми «фаъолияти террористӣ» омехта карда шуда, боиси ихтилофот дар қонунгузориҳои зиддиэкстремистии мамлакатҳои ширкаткунандаи ИДМ шудааст. Ҳамзамон, исбот гардидааст, ки мафҳуми тозабунёди фаъолияти экстремистӣ»-и дар Қонуни навини Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» пешбинигардида мазмуни

«маблағгузории экстремизм» ва «сафедкунии оммавии экстремизм»-ро дар бар нагирифта, баракс истилоҳи «қобилияти мудофиавии давлат»-ро фарогир аст, ки аз рӯйи хусусияташ фарогири ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта нест. Ғайр аз ин, исбот шудааст, ки моддаи 185 **КҶ ҶТ** бо сабаби хусусияти террористиро доро буданаш аз мазмуни моддаи $307^2$ **КҶ ҶТ** бардошта шавад ва ба он моддаҳои 143, 307, $307^1$, $307^3$, $307^4$ **КҶ ҶТ**, ки бевосита дар асоси ангезаҳои сиёсӣ, миллӣ, динӣ, нажодӣ ва маҳалгароӣ содир карда мешаванд, дар номгӯи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ки дар диспозитсияи моддаи $307^2$ **КҶ ҶТ** пешбинӣ шудаанд, ворид карда шаванд.

**Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мафҳумҳои нави зерин ҷорӣ шудаанд:**

– мафҳуми умумиҳуқуқии «экстремизм»;

– мафҳуми «ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта»;

– мафҳуми «ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта»;

– мафҳуми «иттиҳоди экстремистӣ»;

– мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ».

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки:**

– натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва квалификатсияи ҷиноят мусоидат карда, заминаи заруриро ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта фароҳам меорад;

– натиҷаҳои илмии дар ҷараёни таҳқиқот ҳосилгардида метавонанд ҳамчун заминаи бунёдӣ дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ҳангоми таҳлили масъалаҳои соҳавии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар илмҳои ҳамҷавор оид ба муқовимат ба экстремизм ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта истифода карда шавад;

– нуктаҳо ва хулосаҳои ниҳоии таҳқиқот метавонад дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, прокуратура, суд ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ зимни муқовимат ба экстремизм истифода гардад;

– дар ҷараёни таълим ҳангоми тадриси фанҳои марбут ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, криминология ва квалификатсияи ҷиноят метавонад истифода карда шавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот усули умумидиалектикии дарки илмӣ баромад мекунад, ки барои омӯзиши воқеияти объективии зуҳуроти ҷамъиятӣ дар раванди инкишоф ва ташаккулёбиашон мусоидат

менамояд. Усулҳои муосири умумии илмӣ аз қабили усули таърихӣ, мантиқӣ, системавӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ки аз усули умумидиалектикии дарки илмӣ сарчашма мегиранд, барои ҳалли вазифаҳо ва ноил гардидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ бо таври васеъ истифода гардидаанд. Инчунин, дар рафти таҳқиқот аз маҷмӯи усулҳои хусусии илмӣ ба мисли ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, пурсиши сотсиологӣ, мусоҳиба, омӯзиши ҳуҷҷатгузорӣ ва ғ. истифода гардидаанд, ки барои тақвият бахшидани мавқеи муаллиф дар муайян намудани проблемаҳои қонунгузории зиддиэкстремистӣ ва роҳҳои мукаммалсозии он мусоидат намудаанд.

Чун заминаи назариявӣ осори олимони ватаниву хориҷӣ ба монанди В.А. Абдуҳамидов, У.А. Азиззода, Н.Б. Азимзода, С.В. Борисов, В.А. Бурковская, В.П. Емелянов, А.Х. Имомов, Т.А. Корнилов, Н.А. Қудратов, Б.Ш. Қурбонзода, Д.И. Леншин, В.В. Лунеев, И.С. Макеева, А.А. Можегова, И.Т. Маҳмудов, Ҷ.З. Маҷидзода, К.М. Муҳаббатов, Д.Н. Назиров, Р.Ҳ. Раҳимзода, А.Ш. Розиқзода, А.И. Сафарзода, Ҳ.С. Сафарзода, , Е.П. Сергун, К.Ҳ. Солиев, С.Н. Фридинский, А.Г. Хлебушкин, А.Қ. Шарипов, Т.Ш. Шарипов, Ф.Р. Шарифзода, С.С. Ятимов ва дигарон ба таври фаррох омӯхта шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

– пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта метавонанд аз ҷониби мақомоти қонунгузор истифода шаванд;

– нуктаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқот метавонад дар ҷараёни фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми муайян намудани аломатҳои таркиби ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва бандубасти онҳо истифода шаванд.

– маводи рисолаи диссертатсия ҳангоми гузаронидани дарсҳои таълимӣ аз фаннҳои марбут ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, криминология, квалификатсияи ҷиноят ва ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, аз ҷумла, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ ва диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор мегирад.

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

– нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ба асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба дарёфти проблемаҳои қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта асос ёфта, бо маводи интишории ба нашр расонидаи муаллиф марбут ба мавзӯи диссертатсия, мувофиқат мекунанд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии ватанӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ вобаста ба экстремизм, маҷаллаҳои илмӣ, истифодаи маълумотҳои оморӣ, пурсишҳои сотсиологӣ ва таҷрибаи амалияи тафтишотию судӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашудаи таҳқиқотро таъмин мекунанд;

– пешниҳодҳои илман асоснок ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд;

– нуқтаҳои илмии дар рисола пешниҳодшуда барои бартараф намудани мушкилоту нокисиҳо ва дуруст бандубаст намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ҷиҳати самаранок мусоидат мекунанд.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар таҳқиқи бевоситаи масоили мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, пешниҳоди нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳо ва дигар дастовардҳо ифода меёбад, ки онҳо аз нигоҳи илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок карда шудаанд. Ҳамзамон, саҳми шахсии муаллиф дар тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияю семинарҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар чопи 26 мақолаҳои илмӣ оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ифода меёбад.

Дар ҷаласаи худ аз санаи 25-уми августи соли 2020 Шӯрои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторани илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмӣ 14 нафар, муқобили додани дараҷаи илмӣ нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**

**25-уми августи соли 2020**